ТАҲЛИЛИ
таъсири танзимкунии лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Тартиби таъсис ва амалӣ намудани фаъолияти Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқӣ»

Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Тартиби таъсис ва амалӣ намудани фаъолияти Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқӣ»
Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онхо паҳн мегардад	Операторон ва провайдерони алоқаи барқӣ
Мухлати кабули санади меъёрии ҳуқуқӣ	01.09.2026
Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Огоҳинома дар бораи таҳия лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шуда, аз 16 июни соли 2026 то 16 июли соли 2026 машварати омавӣ нисбати лоиҳаи Қарори мазкур гузаронида шуд.
Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо	Аз руи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳодҳо ворид нагардидааст. Оид ба гузаронида шудан ва анҷоми машварати оммавӣ хулосаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 2026 №03-11/836 пешниҳод гардидааст.
Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад	Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқӣ ҳамчун зерсохтори мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ бо мақсади назорат ва танзими соҳаи алоқаи барқӣ, инчунин тавассути он анҷом додани гузариши трафикҳои воридотию содиротии хизматрасониҳои байналмилалии алоқаи барқӣ ва интернет мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №765 «Дар бораи Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқӣ» дар заминаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи

	«Тоҷиктелеком» таъсис дода шуда буд, ки айни ҳол фаъолият карда истодааст. Аммо ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ тартиби фаъолияти онро то ҳол ба танзим надаровардааст. Пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» аз 22 июни соли 2023, №1978 дар қисми 2 моддаи 17 он Тартиби таъсис ва амалӣ намудани фаъолияти Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбинӣ шудааст. Бинобар ин, зарурияти қабул намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Тартиби таъсис ва амалӣ намудани фаъолияти Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқӣ» ба вуҷуд омадааст, ки камбудиҳои ҷойдоштаро дар фаъолияти Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқӣ бартараф созад. Аз ин лиҳоз, дар амалия мушкилоти зерин ба миён омада истодаанд: - пинҳон намудани трафик аз ҷониби операторон ва провайдерон; - пешниҳоди маълумоти нодуруст аз ҷониби операторон ва провайдерон; - саркашӣ аз пайвастшавӣ ба МЯК аз ҷониби операторон ва провайдерон; - истифодаи роҳҳои даврзананда ва халалдор намудани фаъолияти МЯК аз ҷониби операторон ва провайдерон. Ин норасоиҳо боиси мегарданд, ки амнияти иттилоотӣ, ҳифзи маълумот ва дастрасии ба интернети баландсуръат коҳиш ёфта ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии истифодабарони интернет, баҳсҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварад. Аз ин рӯ, қабули Тартиби мазкур ҷиҳати мутобиқ гардонидани он ба воқеиятҳои муосир зарур мебошад. Дар ҳолати андешида нашудани чораҳои дахлдор ва қабул нагардидани Тартиби мазкур: - ҳуқуқ ва уҳдадориҳои истифодабарандагони интернет ба таври кофӣ амалӣ ва ҳифз намегарданд;

	- эҳтимоли риоя нагардидани ҳифзи маълумоти шахсӣ, амнияти иттилоотӣ ва ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз тарфаи операторон ва провайдерони алоқаи барқӣ; - сатҳи дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои электронӣ ва пардохтҳои ғайринақдӣ паст мешавад. Бо дар назар доштани гуфтаҳои боло, таҳия ва қабули лоиҳаи Тартиби таъсис ва амалӣ намудани фаъолияти Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқӣ ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии истифодабарандагони шабакаҳои алоқаи барқӣ, инфрасохтори рақамӣ, муҳайё намудани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо, инчунин танзими фаъолияти оператор ва провайдерон дар ин соҳа мусоидат менамояд.
Баёни мухтасари мақсади дахолати давлат дар робита ба мушкилоти муайян шуда	Мақсади дахолати давлат ин фароҳам овардани муҳити мусоид барои фаъолияти Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ ва назорати риояи масъалаҳои марбута дар ин самт аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ мебошад.
Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои сохибкорӣ, асоснокунии роҳи ҳалли чунин мушкилот	Дар лоиҳаи пешниҳодшудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби таъсис ва амалӣ намудани фаъолияти Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқӣ» маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ пешбинӣ мегарданд, ки ба ҳалли мушкилоти дар самти гузариши трафикҳои воридотию содиротии хизматрасониҳои дохилию берунаи алоқаи барқӣ ва интернет, ки хусусан дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ равона шудаанд. Аз ҷумла: - мақсадҳо ва вазифаҳои маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқӣ; - мақоми ҳуқуқӣ ва идоракунии маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқӣ; - тартиби пайвастшавӣ ба маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқӣ; - тартиби гузариши трафик; - ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқӣ;

	- баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ; - амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи маълумот. Уҳдадорӣ Операторон ва провайдерон уҳдадоранд ба МЯК пайваст шаванд. Операторон ва провайдерон уҳдадоранд барои пайвастшавӣ ба МЯК ба мақоми ваколатдори давлатӣ аризаи хаттӣ бо замимаи нақшаи ташкили шабака ва тавсифи техникии таҷҳизоти барои пайвастшавиро пешниҳод намоянд. Махдудиятхо Операторон ба МЯК дар мутобиқати қатъӣ бо Тартиби мазкур, қоидаҳо, дастурамалҳо, шартҳои техникӣ, регламентҳо ва дигар талаботҳои соҳаи алоқаи барқӣ муқаррар шудаанд, пайваст карда мешаванд. Муҳлати амали Шартҳои техникӣ 1 (як) сол аз рӯзи додани онҳо ба Операторро ташкил медиҳад. Дар давоми ин муҳлат Оператор вазифадор аст ҳамаи талаботи техникии муқарраршударо иҷро намояд, пайвасти физикиро ташкил кунад ва санҷиши пешакии каналҳоро гузаронад. Пеш аз имзои Санади иҷрои шартҳои техники, таҷҳизоти Оператор аз санҷиши интегратсионии ҳатмӣ (санҷиши масири BGP, устувории пайвастшавӣ ҳангоми қатъ шудани линки асосӣ, дурустии интиқоли маълумоти COPM ва QoS) дар давоми 5 (панҷ) рӯзи корӣ мегузарад. Дар сурати аз ҷониби Оператор иҷро нагардидани талаботи ҳатмии дар шартҳои техникии зикршуда ё ҳангоми ноком шудан дар санҷиши интегратсионӣ, пайвастшавӣ ба МЯК метавонад рад карда шавад. Кӯшиши худсарона пайваст шудан ё давр задани МЯК боиси фавран маҳкам кардани интерфейсҳои Оператор ва бозdoштани амали иҷозатнома (лицензия) барои расонидани хизматрасониҳои алоқа мегардад. Татбиқи чораҳои мазкур ба баланд бардоштани сатҳи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии

	истифодабарандагон таҳкими шаффофият дар муомилоти молиявӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувори хизматрасониҳои рақамӣ мусоидат менамояд.
Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилот ва ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда, ки тахиякунанда баррасӣ намуда буд (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ)	Қабул намудани чунин Тартиб самаранoктарин ва дар асл, ягона механизмест, ки имкон медиҳад раванди гузариши трафикҳои воридотию содиротии хизматрасониҳои дохилию берунаи алоқаи барқӣ ва интернет инчунин, фаъолияти Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқӣ дуруст ба роҳ монда шаванд.
Арзёбии мухтасари харочоти буҷети давлатӣ ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар сурати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ	Тартиби мазкур ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад. Оқибатҳои иқтисодӣ: - рушди иқтисоди рақамӣ; - афзоиши пардохтҳои ғайринақдӣ; - коҳиши иқтисоди пинҳонӣ ва баланд шудани рақобатпазирии хизматрасоонии интернет. Оқибатҳои иҷтимоӣ: - афзоиши дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои пардохтӣ; - баланд шудани сатҳи огоҳии муштариён дар бораи пардохтҳои ғайринақдӣ; - коҳиши хавфи қаллобӣ ва беҳтар шудани эътимоди мардум ба низоми алоқа.
Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва дарияти ҷамъоварии он	Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои истифодабарандагони интернет ба таври кофӣ амалӣ гардида саривақт ҳифз мегарданд.
Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он	01.09.2026

Муовини сардор Холзода Т.М.